«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор
_______________Маҳмадизода Н.Д.
«__30__» ___04_____2024 с.

# ХУЛОСАИ
## шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов

Диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ-Румӣ» ҷиҳати дарёфти унвони номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 28.02.2020, суратҷаласаи №2 тасдиқ гардидааст.

Абдуллоев А.А. соли 2005 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷураев (ҳозира ба номи С.Айнӣ)-ро аз рӯйи ихтисоси “забон ва адабиёти тоҷик” хатм кардааст.

Номбурда солҳои 2007-2009 дар бахши аспирантураи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа таҳсил намудааст. Дар давраи омодасозии

диссертатсия аз соли 2020 то соли 2023 Абдуллоев Абдусалом Абосиевич ҳамчун собиқ аспиранти шуъба дар Институти мазкур ба ҳисоб мерафт.

Роҳбари илмии аспирант: Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Дар ҷаласаи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар асоси баромади муқарризон ва муҳокимаи аъзои шуъба хулосаи зерин қабул гардид:

Диссертатсияи Абдуллоев А.А. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳамияти назариявӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ аст. Дар рафти тадқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия, муаллиф аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои фалсафӣ, таърихӣ-таҳлилӣ, сарчашмашиносиву герменевтӣ ва аксиологӣ истифода намуда, масъалаи арзишшиносии таҳлилии масъалаи инсонро дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхии Румӣ анҷом дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Дар диссертатсия асосҳои методологии таҳқиқот ба таври илмӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Мафҳумҳои асосии таҳқиқот – инсон, масоили онтологӣ ва гносеологии фалсафаи антропологӣ, арзишшиносӣ, генезис ва таҳаввули мафҳуми инсон дар раванди ташаккули афкори фалсафӣ, гардиш аз фалсафаи табиат ба фалсафаи антропологӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик ва ғ. тавассути асоснок намудани пояҳои илмӣ-методологӣ таҳлил гардидаанд. Яке аз методҳои муҳим ин эҳёи маънавиёт дар асоси принсипи гуманизм аст, ки ба муқаррароте чун «таҳаммулпазирии динӣ», «этикаи экологӣ ва биологӣ», «муқобилият накардан ба зӯрӣ» ё «мубориза бар зидди поймоли ҳуқуқ ва ҳама гуна падидаи зурӣ» бунёд ёфтааст. Ҳарчи бештар мурочиат кардан ба ахлоқи мутафаккирони муътадили ирфонӣ, ки фарҳанги миллиро бо афкори башаргаро ва сулҳу мадоро ғанӣ гардонидаанд, ҳамчун тарзи босамари эҳёи маънавӣ ва арзишӣ

маълум мегардад. Дар диссертатсия, муаллиф аз маҷмуи методҳо, принсипҳо, муносибатҳо, усулҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқии маърифат, аз ҷумла усулҳои гуногуни илмӣ ва мантиқӣ, монанди усули таърихӣ-фалсафӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ (абстрактӣ) ба таҳлили мушаххас, усулҳои компоративӣ, герменевтӣ, сарчашмашиносии таҳлилӣ, тафсирӣ ва ғайраҳо истифода намудааст.

Мақсади асосии таҳқиқи рисолаи мазкур таҳлили амиқи мероси этикӣ-эстетикии мутафаккири шинохтаи қарни ХШ Ҷалолуддин Балхии Румӣ аз нуқтаи назари таҳлили таърихи фалсафӣ ва аксиологии масъалаи инсон дар ташаккул ва таҳаввули фалсафии он ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот ва муайян намудани мақсадҳои асосӣ, аз маҷмуи бузурги тадқиқоти назариявии ватаниву хориҷӣ ва роҳкорҳои таҳлилии пешниҳодшуда ба таври илмӣ ва эҷодӣ мустақилона истифода намуда, дар такмили онҳо саҳмгузорӣ намудааст.

Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои такризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар он кӯшиш карда шудааст, то дар асоси хулосаю тавсияҳои амалӣ, таҳлили ҳолати таҳқиқотӣ, масъалаи таҳқиқи низоми арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии фалсафаи инсон дар мероси Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ дар асоси «Маснавии Маънавӣ» ва осори дигари ӯ - ҳамчун манобеи фаҳмиши моҳияти инсон, нақш ва аҳамияти он дар олам, саҳми мутафаккир дар ташаккули таълимот доир ба инсон дар фарҳанги ҷаҳонӣ омухта шавад.

Дар диссертатсия ба масъалаҳои меҳварӣ, ки чун навоварӣ эътироф мегардад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст. Навоварии таҳқиқоти мазкурро мухтасаран метавон чунин баён намуд:

- ақида дар хусуси он асоснок карда мешавад, ки назари имрӯз ба арзишҳои маънавӣ дидгоҳи ҷиддиро тақозо дорад, зеро дар доираи мавқеи кунунӣ оқибатҳои буҳрони маънавӣ инъикос ёфтааст, ки ин буҳрони

маънавӣ беэътиноию бепарвоӣ, гӯшанишинию дилмондагии одамонро дар масъалаи риоя кардани меъёрҳои одоб ба вуҷуд овардааст. Муносибатеро ба бор овардааст, ки ин меъёрҳои ахлоқӣ гӯё кӯҳна шудаю умри худро ба поён расонида ва ба талаботи имрӯзаи инсон ҷавоб дода наметавонанд;

- исбот мегардад, ки арзишҳои маънавӣ-тасаввуфии Мавлоно, ки ба аҳкоми динӣ бунёд ёфтаанд, аз таъсири арзишҳои ахлоқии мумтоз ва мусбати гузаштаю ҳамонзамона орӣ нест, балки ин арзишҳо ба як низоми мутаносибу мавзун таҳия шудаанд, ки метавонанд моҳияти инсонро тағйир дода, ӯро ба сӯйи дигаргунсозиҳои маънавӣ раҳнамоӣ намуда, ба ҳаёте роҳбаладӣ намоянд, ки ба одамон хайру накӯӣ оварад;

- ифшо ва ошкор гардидааст, ки идеяҳои Мавлоно ба бисёре аз мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ, аз Рамон Марти, Фомаи Аквинӣ, Иоҳан Волфган Гёте шурӯъ карда, то Лев Толстой ва Николай Рерих таъсир расонидааст. Ин мутафаккирон мавқеи возеҳу муассири муқобилат накардан ба зӯрию бадиро таъкид ва дар заминаи идеявии ҳамин мавқеъ пайдо шудани фаҳмиши зебоию нафосатро аз ҷониби Мавлоно, хосатан қайд кардаанд;

- як силсила таълимоти арзишии Мавлоно, ки ба фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ дохил шуда, ба он таъвизу васл гардидааст, асоси ташаккули идеологияи сулҳпарварона, ҳамошёнию ҳамҷаворпи динӣ ва таҳаммулпазириҳои дигар, муҳаббат ба маърифат ва камолоти маънавӣ гашта, ин арзишҳо ба ҳайси бунёди нигаҳдошти хусусияту хислат, аслият ва ҳувияти миллии тоҷикон баромад карда, омили пуразамати якҷояшавӣ ва интегратсия бо фарҳанги ҷаҳонӣ хоҳад буд.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро низ метавон дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ арзёбӣ намуда, онҳоро барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, диншиносӣ, ахлоқ ва зебоипарасатӣ, инчунин, ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ-методӣ аз фанҳои ҷомеашиносӣ, фалсафаи антропологӣ, инсоншиносӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба этика ва эстетика тавсия намуд. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани

курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафа ва фалсафаи антропологӣ дар замони муосир низ истифода намуд.

Диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти мавзуъро фаро гирифтаанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:

**[1-М].** Абдуллоев А.А. Хусусиятҳои сабкии «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ // Маҷаллаи илмии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон «Ганҷинаи сухан». – 2007, №3, саҳ.291-296

**[2-М].** Абдуллоев А.А. Масъалаҳои гендерӣ дар ҳастишиносии Ҷалолуддини Румӣ// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ). – 2010, №1, саҳ.15-20

**[3-М].** Абдуллоев А.А. Нигоҳи орифон ба масъалаи баробарии ҷинсӣ//«Ҷавонон ва илми муосир», (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-назариявии конференсияи ҷумҳуриявии олимони ҷавон, бахшида ба 10-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ), Душанбе, «Дониш», 2007, саҳ.301-307

**[4-М].** Абдуллоев А.А. Андешаҳои Ҷалолуддини Балхӣ роҷеъ ба инсон ва оила//Маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва инноватсия». – 2013, №1(3), саҳ.125-131 (Ҳаммуаллиф: Маҳмадҷонова М.Т.).

**[5-М].** Абдуллоев А.А. «Вахдати вуджуд» в религиозно-философской концепции Джалолуддина Руми // Маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва инноватсия». – 2014, №3(9), саҳ.56-63.

**[6].** Абдуллоев А.А. Ҷанбаҳои онтологии фалсафаи инсони Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ//Маҷаллаи илмии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». –2023, №3(5), саҳ.68-77.

**[7].** Абдуллоев А.А. Саҳми шоистаи мақомоти амнияти миллӣ дар ҳифзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷаллаи илмии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». – 2022, №2, саҳ.18-24.

[8]. Абдуллоев А.А. Инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно//Маҷаллаи илмии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». –2024, №1(7), саҳ.54-64.

Саҳми шахсии аспиранти дарёфти унвони илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст, мавзуи мубрам ва баҳсноки ҷомеаи имрӯзаи тоҷикистониро интихоб намуда, мақсад ва вазифаҳои онро муайян карда, объект ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурусти илмӣ-фалсафӣ мушаххас намояд. Ҳамчунин, маводи зиёди таърихию сарчашмашиносиро таҳлилу муқоиса намуда, хулосаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд.

Муаллифи диссертатсия мафҳуми арзишро, ки асоси истилоҳи «аксиология» мебошад, ҳамчун фасли махсуси фалсафа ва назарияи арзишҳо мавриди омӯзиш қарор додааст. Таъкид мегардад, ки дар аксиология чунин мафҳумҳои фалсафӣ монанди хирад, ҳукм, ирода, рағбат ва талаботи инсон категорияҳои арзишӣ ҳисобида шуда, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсонро муайян месозанд. Доираи масъалагузориҳои аксиология дар додани баҳои арзишӣ ба ҷараёни таснифи мафҳуми мубраму муҳим, таъҷилӣ аз чизи зиёдатию нодаркор итминон мебахшад. Эътирофи арзишҳо дар танзими ахлоқи ҷамъиятӣ ва инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ нақши муҳим дорад.

Муқаррар гардидааст, ки дар таърихи фалсафаи тоҷик арзиши асосӣ мафҳуми «хайр» буда, ҳама хайру накӯии ҳаёт ба хайрҳои «зоҳирӣ» (яқинӣ), ки узвҳои ҳис дарк мекунанд, хайрҳои «ботинӣ» (пинҳонию махфӣ), ё мувозеи арзишҳои маънавие, ки тавассути хирад маърифат мегарданд ва арзишҳое, ки тавассути интуитсия – фаросату гувоҳи дил (каромот) муяссар мешаванд, ба ҳисоб меравад. Арзишҳо аз таъсири шахсият озод буда, объективӣ ва новобаста ба амри одамонанд.

Қайд мешавад, ки дар таркиби арзишҳо гурӯҳи арзишҳои ахлоқӣ ҷои асосиро ишғол мекунанд, ки дар раванди омӯзиши масъалаҳои муосири инсоният таҷдиди назар шуданд. Метавон инро дар намунаи ахлоқи

тасаввуф ва арзишҳои он, ки онҷо ҷаҳонфаҳмӣ фарқ мекунад, мушоҳида кард, ки афкори шарқӣ дар раванди маърифати инсон ва имконоти равонии инсон хеле пеш рафтааст. Фалсафаи тасаввуф дар муқоиса ба амалияи он баъдтар ташаккул ёфтааст. Аз лиҳози тасаввуроти тасаввуф инсон наметавонад гоҳе арзи ҳастӣ дошта бошад, агар ҳар лаҳза имкони «худошиносӣ»-ро надошта бошад. Аз ин рӯ, суфиён андеша доранд, ки худошиносӣ натанҳо кори маърифатӣ ё гносеологӣ, балки амали онтологӣ аст, ки бунёди ҷудонопазири мавҷудият хоҳад буд.

Суфиён дар назар доранд, ки инсон аз ду олам - олами қудсӣ ва заминӣ пайдо шуда, ин дар моҳияти ӯ нуҳуфта аст: ӯ офаридаи олӣ ва беҳтарин аст. Мақсади офариниши инсон, ин маърифати моҳият ва сифатҳои Офаридгор аст. Андешаи Мавлоно оид ба он, ки инсон дар ҳаллу фасли мураккаби муҳаббат ва ҷозибияти худовандӣ чира аст, метавонад боиси такмили ҷомеаи имрӯза гардад. Аз ҷумла, мавқеи сабаби офариниши инсон будани муҳаббати Худованд ба олам, ки дар ҳамин офаридашавии инсон татбиқи худро меёбад, тозакории Ҷалолуддини Румӣ ва ифодаи назари таҳаммулпазиронаи тасаввуфии ӯст, ки дар фаҳмиши олам ва одам ифшо гардида аст, муҳим ба назар мерасад. Категорияи ҳақиқатро Мавлоно аз лиҳози моҳият, бо истифода аз мафҳуми «Инсони комилу мукаммил» таҳлил карда, роҳи наҷибонаю бошарафонаи ваҳдати тамоми инсониятро нишон медиҳад, ки тавассути муҳаббат ба Худованд ҳама фарқиятҳои байни одамон (динӣ, синфӣ, нажодӣ, ҷинсӣ ва ғ.)- ро бартараф месозад.

Қайд карда мешавад, ки Мавлоно яке аз аҳли тасаввуф аст, ки дар мусиқию рақс амалия ва назарияи тасаввуфро ворид месозад. Ӯ мусиқиро василае медонад, ки торҳои нозуку нафис ва ниҳонии рӯҳро нохун мезанад ва тадбири муҳимми худшиносӣ аст. Дар фаҳмиши ӯ мусиқӣ бо тамоми ҳастиаш мабдаи худовандӣ дошта, ба он хотир офарида шудааст, ки рӯҳ маҳину латиф бошад, то тавонад нишонаю шаҳодати худовандиро қабул намояд. Суфии беҳтарин барои Мавлоно ҳамон солики роҳи Ҳақ аст, ки аз рағбатҳои заминӣ даст кашида, ба худошиносӣ тавассути худшиносӣ роҳ

мепаймояд. Мавлоно итминон дорад, ки бо роҳи куллан дигаргун шудан ва дар худ касб кардани сифатҳои зиёди худовандӣ, суфӣ метавонад ба дарёфти матлуби Ҳақ сазовор гардад. Дар айни замон, Мавлоно дар бораи суфиёне, ки рафтори сазовор надошта, дар ин ё он марҳилае аз роҳи кашфу шуҳуд дур шуда, ба ҳаловату рағбатҳои заминӣ муҳаббат бастаанд, хело зиёд ҳарф мезанад. Аз ин рӯ, суфии Мавлоно ҳамонест, ки худро солики дараҷаи аввали комилияти маънавӣ медонад, акнун ҳоло шариатро шинохта, ба сӯйи фатҳи тариқат роҳ пеш гирифтааст. Ба ин маъно, Мавлоно монеаи асосии роҳи худшиносии маънавии соликро нафси ӯ медонад, ки ба ҳар навъе зоҳир мешавад.

Масъалаҳои фавқуззикр дар натиҷаи таҳаввулоти таърихӣ пайдо шуда, ташаккул ёфтаанд ва то замони мо омада расидаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мазкур ба рушди ахлоқ ва зебоишиносӣ, рушди санъату фарҳанг, нигоҳ доштану эҳёи суннатҳои миллӣ дар замони муосир таъсири мусбат мерасонад.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи **«Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ-Румӣ»** аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи **«Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ-Румӣ»** аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мувофиқ буда, таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфта ба ҳисоб

рафта, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-029 пешниҳод мегардад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 30 апрели соли 2024 қабул гардид. Дар маҷлис - 14 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 14 нафар; зид - нест, бетараф – нест.

Суратҷаласаи № 3 аз 30.04.2024.

Мудири шуъбаи таърихи фалсафаи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
н.и.ф Шамсов М.С.

Тел.: 550506644;
mail: muboraksho_sh_70@mail.ru

Котиби Шуъба Каримова Б.

Имзои Шамсов М.С. ва Каримова Б.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
АМИТ Абдураҳмонзода Б.
«30» ____04____2024 с.